«Тасдиқ мекунам»:
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода Маҳмадалӣ Раҳмат

аз «____» 05 соли 2026

ХУЛОСАИ
МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ
«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»

Диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологӣ-фитономии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ» аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ дар кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Қодирзода Муҳаббат Алиқул унвонҷӯйи кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба шумор мерафт.

Қодирзода Муҳаббат Алиқул соли 2010 Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (ҳозира Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»)-ро аз рӯйи ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратураи факултети забони англисии муассиса дохил шуда, соли 2017 Донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забони англисӣ хатм намудааст.

Номбурда аз 24.12.2024, №509-фа то инҷониб унвонҷӯйи кафедраи назария ва типологияи забони англисӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 25.05.2021, №10 тасдиқ шудааст.

Роҳбари илмии Қодирзода Муҳаббат Алиқул номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ Толибова Гулчеҳра Ҷамиловна мебошад.

Ба унвонҷӯ шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳоноти номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти №253 аз 12.05.2026, №3/366 дода шудааст.

Диссертатсияи илмии Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 21.05.2026, №10/1 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологӣ-фитономии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

Мавзуи диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар забоншиносии тоҷик мавзуи нав буда, ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлилу таҳқиқи маҷмуӣ воҳидҳои фразеологӣ-фитономии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисиро фаро гирифта, барои забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ аҳаммиятнок ва саривақтӣ аст ва ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ **мутобиқат** менамояд.

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, барномаи амалишавии «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2019, №438) **алоқаманд** мебошад.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он пурра мутобиқат менамоянд.

Мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар ироаи маърузаву гузоришҳо дар конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назариявии ҳайати профессорон ва устодони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия ва нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳои таҳқиқ дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои онро собит менамоянд.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқи диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик бар пояи осори фаровони бадеӣ мавзуи воҳидҳои фразеологӣ-фитономии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисиро мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор дода, умумият, шабоҳат ва тафовути сохторию корбурдии онҳоро дар забонҳои муқоисашаванда муайян намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф бо ягонагии дохилии диссертатсия ба тасвиб расида, дар намуди робитаи байниҳамдигарӣ шакл гирифта, дар доираи таҳқиқоти назариявӣ амсиласозиҳои таҳлилу таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ-фитономии забонҳои қиёсшаванда метавонад ба рушди назария ва амалияи масъалаҳои забоншиносӣ мусоидат намоянд.

Диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологӣ-фитономии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ» бо ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мутобиқат менамояд.

Диссератсия аз муқаддима, 3 боб, 12 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 3,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. **Кадирова, М.А.** Фразеология ва фразеологизмҳои забони англисӣ / М.А. Кадирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, – 2023. – №1-3 (113). – С. 79-81.
2. **Кадирова, М.А.** Таҳлили муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ / М.А. Кадирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, – 2023. – № 1-4 (116). – С. 37-39.
3. **Кадирова, М.А.** Теоретические основы фразеологии и фитонимии в таджикском и английском языках / М.А. Кадирова // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, – 2025. – № 1-1 (131). – С. 148-152.
4. **Кадирова, М.А.** Воҳидҳои фразеологӣ бо ҷузъи фитонимӣ ҳамчун аломатгузории миллии тасвири забони ҷаҳон / М.А. Кадирова // Паёми

Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – Бохтар, – 2025. – №. 1-3 (137). – С. 194-197.

5. **Қодирзода, М.А.,** Толибова, Г.Ҷ. Маъно ва вазифаҳои услубии фразеологизмҳои фитономӣ дар забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ / М.А. Кадирова, Г.Ҷ. Толибова // Паёми Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Маркази шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ. – "Мероси Шарқ". – Душанбе, 2026. – №1 (15). – С. 58-65.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

6. **Қодирова, М.А.** "Таърихи шаклгирӣ ва васеъшавии фразеологизмҳои фитономӣ" / М.А. Қодирова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Пешвои Миллат ва масъалаҳои рушди забони тоҷикӣ" бахшида ба рӯзи байналмилалии забони модарӣ ва 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2026. – С. 135-139.

7. **Қодирова, М.А.** "Асосҳои назариявии таҳқиқи фразеологизмҳои фитономӣ (ботаникӣ)" / М.А. Қодирова // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи "Забон – намояндаи хотираи таърихи гузашта ва имрӯза". – Душанбе, 2026. – С. 287-292.

8. **Кодирзода, М.А.** Источники происхождения фитонимических фразеологизмов: литература, фольклор и обычаи / М.А. Кодирзода // Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами филология, тарҷума ва методикаи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ муассисаҳои таълимӣ». – Бохтар, 2026. – С. 181-184.

ҶАЛАСА ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологӣ-фитономии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад;

2. Диссертатсияи Қодирзода Муҳаббат Алиқул дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологӣ-фитономии забони тоҷикӣ ва аналогҳои онҳо дар забони англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи

давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз санаи 22-юми майи соли 2026 таҳти №10/1 қабул гардидааст.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи назария ва типологияи забони англисии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» санаи 21-уми майи соли 2026 таҳти №10/1 қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 15 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 15 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои филологӣ, мудири
кафедраи назария ва типологияи
забони англисии факултети забонҳои хориҷии
МДТ«Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи
Носири Хусрав» Олматова Шарофат Сафаралиевна

Котиби илмӣ:
номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори
кафедраи назария ва типологияи забони англисии
факултети забонҳои хориҷии
МДТ«ДДБ ба номи Н. Хусрав» Кабиров Лутфулло Абдусаломович

Имзоҳои Ш.С. Олматова ва
Л.А. Кабировро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ«ДДБ ба номи Н. Хусрав» Исҳоқзода Муслиҳиддин Маҳмараҷаб